**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи душанбе (1942- 2021) барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мавзӯи саноат ва сохтмон дар Тоҷикистони Шуравӣ яке аз мавзӯъҳои мубрами илмӣ ва таърихӣ ба ҳисоб меравад.Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна мавзуеро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки ба омӯзиш, таҳлил ва инъикоси таърихи ташаккулёбии корхонаи сементбарории шаҳри Душанбе дар замони Шуравӣ ва даврони истиқлол бахшида шудааст. Зарурияти омӯзиши он ба якчанд сабабҳои муҳими илмӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ асос меёбад. Саноат ва сохтмон дар давраи Шуравӣ ба таҳкурсии иқтисодиёти муосири Тоҷикистон асос гузоштанд. Ин соҳаҳо ба вусъати шаҳрсозӣ, рушди инфрасохтор, ташаккули пойгоҳи техникӣ ва механиконии соҳаҳои дигар мусоидат карданд. Таъсиси корхонаи сементи Душанбе ба рушди сохтмон ва саноат дар Тоҷикистон имкон фарҳам овард. аҳолии деҳот ба шаҳрҳо кӯч баст, синфи коргар ташаккул ёфт, тарзи ҳаёт ва ҷаҳонбинӣ дигар шуд. Ин равандҳо таъсири амиқ ба сохтори иҷтимоии кишвар гузоштанд, ки омӯзиши он барои фаҳмиши табдилоти иҷтимоӣ-иқтисодии асри XX муҳим аст. Имрӯз ҳам бисёре аз корхонаҳо, биноҳо ва иншооти муҳими Тоҷикистон истифода аз маҳсулоти корхонаи семент Душанбе, ки  мероси давраи Шуравӣ мебошанд, лоиҳаҳои азимиро мисли сохтмони НОБи Роғун амалӣ месозанд.

Дар илми таърихнигории  ватанӣ мавзуъҳои зиёде оид ба таърихи саноат ва сохтмони Тоҷикистон дар давраи Шуравӣ ва истиқлолият мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтаанд, аммо то ҳанӯз дар баробари ҳаллу фасл ва баррасии масоили назарию амалӣ дар илми таърихи ватанӣ, паҳлуҳои зиёди ҳалталаб боқӣ мондаанд.

Мавриди таъкид аст, ки саноати семент дар рушди иқтисодиёти Тоҷикистон заминаҳои таърихӣ ва нақши стратегӣ дорад. Масъалаи бунёди корхонаҳои истеҳсоли семент дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ҳанӯз дар солҳои сиюми асри XX мавриди амал қарор гирифта, ҳамчун омили муҳими ташаккули саноати сохтмонӣ дар ҷумҳурӣ зоҳир гардид. Дар ҳамин замина, саноати семент дар Тоҷикистон ҳамчун як соҳаи мустақили калони саноатӣ дар давраи ҳукмронии Шуравӣ ташаккул ёфта, дар низоми иқтисоди миллӣ мавқеи муҳимро ишғол намуд. Бо кӯшишу талоши роҳбарияти ҲКШ Тоҷикистон ва дастгирии Ҳукумати Иттиҳоди Шуравӣ, санаи 6 декабри соли 1942 нахустин заводи сементбарорӣ дар шаҳри Душанбе мавриди истифода қарор гирифт. Ин иқдом, ки дар давраи Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941–1945 амалӣ гардид, аз дастовардҳои муҳими стратегии саноати Тоҷикистон маҳсуб меёбад. То соли 1945 корхона бо иқтидори пурра ба фаъолият пардохта, саҳми назаррас дар таъмини масолеҳи сохтмонӣ барои эҳтиёҷоти хоҷагии халқ гузошта дар даҳсолаҳои 1960–1980 фаъолияти корхона ба марҳилаи авҷи тараққиёти худ расида, нақши он дар раванди рушди иқтисодиёти миллӣ ва беҳбуд бахшидани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ назаррас арзёбӣ мегардид.

Бо вусъати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, ҲКШ Тоҷикистон дар солҳои охири мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ ба яке аз ҷумҳуриҳои саноатӣ-аграрӣ мубаддал гардида буд. Пешрафти соҳаи семент имкон фароҳам овард, ки як қатор иншооти муҳими стратегӣ, аз қабили НБО-ҳои Норак, Сарбанд, Бойғозӣ, Қайроққум, Роғун, Сангтӯда, инчунин Заводи алюминии тоҷик ва даҳҳо корхонаву муассисаҳои дигари истеҳсолӣ, маишӣ ва маъмурӣ бунёд ёбанд. Ин иқдомҳо дар таъмини раванди саноатикунонӣ ва таҳкими зерсохторҳои иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар нақши муҳим бозиданд.

Дар даврони истиқлол низ заводи сементи шаҳри Душанбе мақоми стратегӣ ва арзиши миллии худро нигоҳ дошта, то имрӯз ҳамчун яке аз иншооти муҳими саноатии кишвар фаъолият дорад. Аз ҷумла, сохтмони неругоҳи барқи обии Роғун - ки дар қатори бузургтарин иншооти гидроэнергетикии ҷаҳон шинохта мешавад - маҳз бо истифода аз маҳсулоти ҳамин корхона амалӣ гардида истодааст.

Аҳаммияти омӯзиши мавзӯи мазкур аз он ҷиҳат низ муҳим мебошад, ки фаъолияти беш аз ҳаштодсолаи корхона бо таърихи ташаккул ва инкишофи иқтисоди Тоҷикистон пайванди зич дошта,

таҳқиқи ҳамаҷонибаи он имкон медиҳад равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, технологӣ ва сиёсиро дар заминаи таҳаввулоти таърихӣ мавриди таҳлил қарор диҳем. Бидуни омӯхтани нақши корхонаҳои муҳими саноатӣ, аз ҷумла заводи сементи Душанбе, баррасии рушди саноати кишвар наметавонад мукаммал бошад.

Мавзӯъ дар партави татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар - аҳаммияти тоза пайдо намуда, дар заминаи имкониятҳои ҷуғрофӣ ва захираҳои табиии мавҷудбуда, соҳаи истеҳсоли семент яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди миллӣ ба шумор меравад. Дар ин самт, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо кишварҳои шарик, аз ҷумла Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷопон, Қазоқистон ва Ӯзбекистон, як қатор корхонаҳои нави истеҳсоли сементро таъсис додааст. Ин дастовардҳо шаҳодат медиҳанд, ки саноати семент дар Тоҷикистон на танҳо як бахши муҳими иқтисоди дохилӣ, балки унсури муассири фаъолияти содиротӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ низ мебошад. Омӯзиши ҳамаҷонибаи ин соҳа метавонад барои таҳияи стратегияҳои минбаъдаи рушди саноат дар замони муосир асоси илмӣ ва амалии устувор фароҳам оварад.

Дар рисола, гарчанде.ки дар ин мавзу таҳқиқотҳо ниҳоят кам ба назар мерасад, диссертант нақш ва саҳми муҳаққиқон ва донишмандону мутахассисони соҳа А.Н. Люсов, И. А. Гришманов, Ш.М. Соломонов, Б.С. Третяков, М. Садуллаев, А. Хошмухамедовро, ки дар осори онҳо масоили сохтмон ва саноат ва аз он ҷумла фаъолияти корхонаҳои семент ва масолеҳи дигари сохтмонӣ дар чумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон маълумот оварда шудааст, мавриди таҳлил қарор додааст. Дар ин маврид унвонҷу китоби таҳиянамудаи собиқ директори генералии корхона Парто Сатторов тахти унвони “Цемент – хлеб строительства” - ро махсус қайд менамояд.

Манзури муҳаққиқону донишмандон намудану ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (1942- 2021)” андешаҳои болоро собит менамояд.

Ҳамзамон, диссертант аҳаммияти илмӣ ва омӯзишии мавзӯъро дар нуктаҳои зерин муайян намудааст:

1. То ба имрӯз дар таърихнигории миллӣ масъалаи ташаккул ва рушди саноати сохтмон, аз ҷумла фаъолияти Заводи сементи шаҳри Душанбе, мавриди таҳқиқоти мукаммали илмӣ қарор

нагирифтааст. Аз ин ҷиҳат, ин тадқиқот дар самти мазкур ҳамчун аввалин кӯшиши ҷиддии илмӣ арзёбӣ мегардад.

2. Бори нахуст сиёсати давлатии Ҳукумати Шуравӣ дар самти ташаккули саноати семент дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, бахусус васеъ гардонидани фаъолияти корхонаи мазкур, фароҳам овардани заминаҳои иқтисодӣ дар давраи азнавсозии баъдиҷангӣ ва ҷалби нерӯҳо барои табдил додани он ба як муассисаи калони истеҳсолии семент мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст.
3. Бо истифода аз манбаъҳои гуногуни таърихӣ, фаъолияти меҳнатии корхона, саҳми муҳандисону мутахассисони техникӣ дар раванди истеҳсол ва рушди корхона, инчунин дастовардҳои он дар истеҳсоли семент мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифта, аҳаммияти мавзӯъро боз ҳам бештар мегардонад.
4. Омӯзиши таҷрибаи таърихии фаъолияти корхона дар ду марҳала - давраи ҳукмронии низоми банақшагирии Шуравӣ ва замони ҳибистиқлолӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ - бо такя ба манбаъҳои муътамад, маводи бойгонии расмӣ ва осори илмии марбута, имкони муайянсозии роҳу усулҳои истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ, ҷорӣ намудани навовариҳои техникӣ ва арзёбии нақши танзими давлатӣ дар рушди соҳаҳои саноат ва сохтмонро фароҳам месозад.
5. Таҳлили сиёсати давлатии Ҳукумати Шуравӣ дар самти ташаккули саноати семент дар ҶШС Тоҷикистон ва тадбирҳои андешидашуда барои рушди фарогири корхона дар давраи азнавсозии баъдиҷангӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими навгонии илмии тадқиқот ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, то ба имрӯз пажӯҳишҳои мустақил ва амиқи таърихию иқтисодӣ дар бораи корхонаи сементи Душанбе дар давраи Шуравӣ ва истиқлолият вуҷуд надоранд ва аксаран ба тавсиф маҳдуд мешаванд. Ин мавзӯъ метавонад фазои нави таҳқиқотиро боз кунад ва ба пур кардани холигии таърихнигорӣ кумак намояд. Диссертант мубрамияти мавзуи таҳқикро дар муқаддимаи рисола хуб, фаҳмо ва бо нуктаҳои ҷолиб иброз намудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ Таърихи ташаккул ва

рушди заводи сементи Душанбе бо ҷалби доираи васеи адабиёту сарчашмаҳои муътамад мавриди пажуҳиш ва баррасии таърихӣ қарор гирифта, натиҷаи омӯзишу пажуҳиш, таснифот ва баррасиву таҷзияи он дар асоси навгониҳои зерин рӯйи кор оварда шудааст:

- заминаҳои таърихиву иқтисодии таъсиси Корхонаи сементи шаҳри Душанбе дар шароити сахту бухронии солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо такя ба маводи бойгонии расмӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шуданд;

- бори нахуст, таърихи ташаккули ин корхонаи истеҳсолӣ дар доираи таҳқиқоти мукаммали илмӣ пайгирӣ гардида, марҳилаҳои асосии рушди он дар заминаи манбаъҳои эътиборнок баррасӣ шудаанд;

- аввалин маротиба имкониятҳои рушди фаъолияти истеҳсолии корхона дар самти содироти семент ба бозорҳои хориҷӣ, мушкилоти мавҷуда ва дурнамои тавсеаи он мавриди таҳлил ва арзёбии ҳамаҷониба қарор гирифтаанд;

- иқтидор ва дурнамои рушди корхонаҳои истеҳсоли семент дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла фаъолияти ибтидоии Корхонаи сементи шаҳри Душанбе, бо истифода аз сарчашмаҳои таърихиву иқтисодӣ таҳқиқ гардида, дастовардҳои он дар соҳаи истеҳсолот нишон дода шудаанд;

- нақши муҳандисону мутахассисони техникии корхона дар раванди ташаккул ва пешбурди истеҳсолот арзёбӣ гардида, бори аввал фаъолияти корхона дар ду марҳилаи таърихӣ - давраи Шуравӣ (бо низоми банақшагирии марказонидашуда) ва замони соҳибистиқлолӣ (бо шароити иқтисоди бозорӣ) - дар асоси маводи муътамади бойгонӣ ва осори илмӣ таҳлил шудааст.

Ҳамчунин, таҳқиқи илмии проблемаҳои мухталиф дар фаъолияти корхона ҳам дар даврони Шуравӣ ва ҳам замони истиқлол ба сифати соҳаи муҳим ва муаррификунандаи кишвар бори нахуст мавриди омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмӣ сурат гирифта, хулоса ва пешниҳодоти судманд оид ба нақши корхонаи сементбарорӣ дар рушди иқтисодиёт ва саноати кишвар иброз дошта шудааст.

Нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҷолиб ва диққатҷалбкунанда буда, диссертант дар назди худ доир ба мавзуи мавриди таҳқиқ вазифагузориҳо намудааст, то вижагиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилии фаъолияти корхонаи истеҳсоли сементи Душанберо ҳам дар даврони Шуравӣ ва ҳам замони истиқлол таҳлил

намояд ва нақши корхонаро дар бунёди иншоотҳои азими ҷумурӣ ва таъмини онҳоро бо маҳсулоти зарурӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсиҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии муаррихони ватанию хориҷӣ истифода гардидаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд.

Хулосаи диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, натиҷаи таҳлили амиқи сарчашмаҳои таърихӣ, таҷрибаҳои ҷудогонаи минтақавӣ ва таҳқиқоти назариявӣ мебошанд. Ҳар як банди хулоса ба паҳлуи мушаххаси масъалаи таҳқиқӣ – ташаккул ва рушди фаъолияти корхонаи истеҳсоли сементи Душанбе дар солҳои 1942-2021 – бахшида шуда, муҳимтарин омилҳо ва равандҳои таъсиргузорро дар ин давра равшан месозад. Инчунин, бахши тавсияҳо, муҳиммияти мавзуъро дар заминаи таърихнигорӣ ва омӯзиши таҷрибаи таърихии коргарони корхонаи истеҳсоли сементи Душанберо инъикос намуда, имкони истифодаи натиҷаҳои таҳқиқотро дар раванди таълиму тадрис ва таҳқиқоти минбаъда нишон медиҳад. Тавсияҳо бо назардошти таҳлилҳои илмӣ-назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия шуда, ба дурнамои васеи мавзуи таҳқиқотӣ равона шудаанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки нахустин бор ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти корхонаи истеҳсоли сементи Душанбе дар замони Шуравӣ ва истиқлол мавриди таҳлили илмии муфассал қарор гирифтаанд. Таҳқиқоти мазкур имконият медиҳад, ки саҳми коргарон, мутахассисони муҳандисӣ-техникии корхона, имконияту захираҳои саноат ва сохтмон ва тадбирҳои ҳукумат дар рушди ин соҳа равшан гарданд.

Натиҷаҳои амалии бадастомада дар таҳия ва коркарди дастурҳои таълимию китобҳои дарсии мансуб ба таърих, хондани курсу семинари махсус ва ҳамоишҳои илмӣ дар гурӯҳи ихтисосҳои равияҳои гуманитарӣ, махсусан, ихтисосҳои таърих дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат хоҳанд кард. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистон дар заминаи рушди саноати семент бо ба инобат гирифтани методҳои махсуси истеҳсоли сементи

корхонаи мавриди таҳқиқ хеле ҳам муфиданд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, зербобҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва номгӯйи адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 168 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

**Таҳлили қисми муқаддамотӣ** ва тавсифи умумии рисола шаҳодат медиҳад, ки муаллиф муҳиммияти мавзуи таҳқиқотиро бо далелу асосҳои муътамад ва таҳлили амиқ ба таври муассир нишон додааст. Муқаддимаи диссертатсия бо назардошти талаботи ҷорӣ, ки аз бандҳои мубраммии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, робитаи таҳқиқ бо барномаҳою мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объект ва усули таҳқиқ, маводи истифодашуда дар диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии таҳқиқ, асосҳои назарии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ ва сохтори диссертатсия таркиб ёфтааст, мувофиқи талабот, пурмазмун ва фарогир таълиф гардидааст.

**Боби якум “Фаъолияти заводи сементбарорӣ дар даврони Шуравӣ (1942-1990)”** ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якум - “**Заминаҳои таърихӣ ва табиии ба вуҷуд омадани корхонаи семент дар шаҳри Душанбе”** дар баробари инъикоси захираҳои табиии Тоҷикистон эҳтиёҷоти мамлакат ба ин маҳсулоти сохтмон таҳлил шудааст.

Зербоби дуюми боби аввал, ки **“Рушди истеҳсоли семент дар давраи баъдиҷангӣ ва аҳаммияти он дар пешрафти соҳаи сохтмон ва саноат**” ном дорад. Дар ин зербоб унвонҷу пайгирона масъалаи хусусияти хоси сохтмон, фаъолият ва нақши стратегии соҳаи мазкурроо инъикос намудааст. Дар зербоб таъкид мегардад, ки дар давраи азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ ба рушди саноати семент дар ҶШС Тоҷикистон, бо дарназардошти мавҷуд будани захираҳои табиӣ, ҷинсҳои карбонатӣ ва гилдор ба соҳаи мазкур чун дигар ҷамоҳири собиқ Шуравӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешуд.

**Дар зербоби сеюм “Омода намудани кадрҳо**“ масъалаи таъмини корхонаи истеҳсоли семент бо қувваи корӣ, мутахассисони муҳандисию техникӣ, идоракунӣ ва ғайра дар солҳои 40-уми асри XX- оғози асри XXI баррасӣ шудааст. Дар ин масъала унвонҷӯ таъкид менамояд, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ норасоии коргарони касбӣ ва

мутахассисони соҳа дар фаъолияти истеҳсолии завод мушкилиҳои ниҳоят калонро ба вуҷуд оварда буд. Аз ин рӯ, дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳаҷми истеҳсоли семент то як баробар коҳиш меёбад. Пас аз анҷом ёфтани Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳанӯз дар солҳои аввали давраи азнавбарқароркунӣ норасоии коргарон, мутахассисон ва техникаҳои зарурӣ то андозеа бартараф гардида, фаъолияти завод густариш меёбад.

Ҳамин тариқ, муаллиф дар боби аввал ба таври муфассал ҷараёни ташаккул ва рушди заводи сементи Душанберо таҳлил намуда, нишон додааст, ки 6 -уми декабри 1942 дар шаҳри Сталинобод заводи семент ба кор сар карда, соли 1945 ба иқтидори пурраи фаъолияти истеҳсолӣ гузашт ва то охири сол ҳаҷми истеҳсоли семент дар заводи сементи Сталинобод то ба 1845 ҳазор тонна мерасад, ки ин аҳамияти бузург дар ташаккули пойгоҳи устувори истеҳсолоти семент дар ҷумҳурӣ мебошад.

**Боби дуюм – "Азнавсозии истеҳсолот дар заводи сементбарорӣ дар шароити нави иқтисодӣ (охири асри XX-аввали асри XXI)"** аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум **"Фаъолияти корхонаи семент дар шароити нави иқтисодӣ"** қайд карда мешавад, ки дар остонаи ҳадафи чоруми стратегӣ саноати сементбарорӣ низ яке аз соҳаҳои муҳим аз ҷиҳати имкониятҳои ҷуғрофию захираҳои табиӣ барои саноати мамлакат ба ҳисоб меравад. Роҷеъ ба исботи матлаби мавриди назар бояд қайд намуд, ки то соли 2014 дар Тоҷикистон 9 корхонаи истеҳсоли семент фаъолият мекард, ки бузургтаринашон корхонаи «Тоҷиксемент»-и шаҳри Душанбе ва «Ғаюрсемент»-и ноҳияи Ёвон ба ҳисоб мерафт таъкид мегардад. Дар соли 2020 дар Тоҷикистон беш аз 18 корхона ба истеҳсоли семент машғул буда, асоситаринашон се корхонаи муштараки Тоҷикистону Ҷумҳурии Мардумии Чин, аз қабили «Чунгтсай Моҳир семент», «Хуаксин Ғаюр семент» ва «Хуаксин Ғаюр Суғд семент» ба ҳисоб меравад, ки қариб 90 % истеҳсоли сементи мамлакатро ташкил медиҳад.

Дар зербоби дуюми боб таҳти унвони **"Нақши заводи сементбарорӣ дар таъмини корхонаҳо ва иншоотҳои азими Тоҷикистон"** зикр мегардад, ки аз лиҳози сифати маҳсулоти истеҳсолӣ Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Сементи Тоҷик" дар байни корхонаҳои истеҳсоли сементи Иттиҳоди Шуравӣ мақоми дуюмро ишғол мекард. Дар солҳои мавриди таҳқиқ корхона қариб 100% талаботи дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо семент таъмин намуда, дар татбиқи лоиҳаҳои бузурги сохтмонии ҷумҳурӣ саҳми назаррас доштааст. Аз ҷумла, сементи

истеҳсолнамудаи ин корхона дар бунёди чунин иншооти стратегӣ ва муҳими ҷумҳурӣ, аз қабили неругоҳҳои барқи обии "Норак", "Бойғозӣ", "Варзоб", нақби обгузари 14-километраи "Данғара – Ёвон", инчунин як қатор корхонаҳои бузурги саноатӣ, аз ҷумла Ширкати "Арзизи Тоҷик", комбинати азоти Сарбанд ва корхонаи "Тоҷиккимсаноат"-и Ёвон истифода шудааст. Илова бар ин, ҶСК "Сементи Тоҷик" дар марҳалаҳои минбаъда низ барои таъмини сохтмони иншооти муҳими миллӣ, аз ҷумла неругоҳи барқи обии "Роғун", неругоҳҳои "Сангтӯда-1" ва "Сангтӯда-2", инчунин барои эҳтиёҷоти дирексияи сохтмонии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳсулоти баландсифати семент пешниҳод намудааст.

Зербоби сеюми боби дуюм **"Дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҳаёти коргарони корхонаи истеҳсоли сементи ш.Душанбе"**ном дорад, ки фарогири масъалаҳои иҷтимоии корхона мебошад. Дар ин зербоб қайд карда мешавад, дар КВД "Тоҷиксемент" барои меҳнати босамари кормандон, махсусан занон ҳамаи шароитҳо фароҳам оварда шудааст". Дар хулоса таъкид карда мешавад, ки дар шароити соҳибистиқлолии мамлакат коргарони завод аз шароити хуби меҳнатӣ, маоши хуб ва сатҳи иҷтимоии беҳтар бархурдоранд.

**Хулосаи диссертатсияи** Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна аз натиҷаи баҳсҳои илмӣ бар омада, дарк ва зеҳнияти касбии муҳаққиқии ӯро нишон медиҳад. Дар хулоса натиҷаи пажуҳиш ба тариқи фишурда аз рӯйи натиҷагирии таҳқиқ оварда шуда, феҳристи адабиёт фарогири номгӯйи адабиёти зарурии илмиест, ки миқдорашон ба **269** адад мерасад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну муҳтаво ва нуктаҳои асосии диссертатсияро дар 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 3 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Маводи батабърасида муҳимтарин паҳлуҳо ва мазмуни асосии диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии диссертантро собит менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна ба талабот оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати дисертатсияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

30 июни соли 2021, тахти №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ кори диссертатсионии мавриди таваҷҷуҳ аз баъзе нуқсону камбудиҳо низ иборат мебошад, ки ислоҳи онҳо дар таҳқиқи минбаъдаи он аз манфиат холӣ нест ва ислоҳи онҳоро зарурӣ меҳисобем:

1. Дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзуи диссертатсионӣ номи муҳаққиқони алоҳидае, ки ба таҳқиқи масъалаи мазкур машғул шудаанд, зикр гардидааст. Аммо таҳлили муқоисавии ин рисола бо дигар рисолаҳо, ки ҳамдигарро тақвият мебахшанд кам ба назар мерасад.

2. Дар рисола хуб мешуд, ки ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва харитаҳои таҳлилӣ тартиб дода шавад.

3. Дар таҳлили муқоисавии маводҳо бо таҷрибаи дигар корхонаҳои саноатии Тоҷикистон кам ба назар мерасад.

4. Нақши занон ташаккул ва рушди кохонаи истеҳсоли сементи Душанбе дар рисола ба таври амиқ, бо мисолҳо инъикос наёфтааст.

5. Мутаассифона, оқибатҳои манфии Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва таъсири он ба заводи сементи Сталинобод то охири солҳои панҷоҳум пурратар инъикос нашудааст.

6. Дар матни диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои зикргардида ислоҳпазир буда, чандтои он ҷанбаи тавсиявӣ доранд. Ислоҳи онҳо ҳангоми таҳия ва нашри монография арзиши илмии рисолаи диссертатсиониро боло мебарад.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант доир ба мавзуи мавриди пажуҳиш ба табъ расонидааст, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро пурра фаро гирифтааст. Кори диссертатсионии мазкур ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмии кори диссертатсионӣ ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ва ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (1942- 2021)” , ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) пешниҳод гардидааст, кори анҷомёфта донистан мумкин аст, ки

дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расидааст. Рисола ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мебошад.


**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои таърих, профессори**
**кафедраи таърих ва диншиносии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ҳомидзода Фурқат Муқим**

**Суроға:** 735690, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Суғд,
ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, кучаи Ҷӯрабой Солиев 104.
Тел: (+992) 927889819.
E-mail: furkat.hamidov@mail.ru


**Имзои профессори кафедраи таърих ва диншиносии**
**ДДҲБСТ доктори илмҳои таърих, Ҳомидзода Ф.М.- ро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Бобоев А.Х.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

05.09.2025.


**Суроға**: 735717, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд. микрорайони 17, хонаи1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: +992342223811
Факс: +992342225170
E-mail: tsulbp@rambler.ru